ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

**КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ТАБИӢ-РИЁЗӢ**

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ГОГРАФИЯ

ДУШАНБЕ – 2024

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «30» 09. с.2024, №9/8-21 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:** **Шосафар Акобиров,** н.и.и., дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии ДҶТИБКСМ
**Набӣ Қодиров,** омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии ДҶТИБКСМ

**Муқарризон:** **М. Собиров**, н.и.г., дотсенти кафедраи методикаи география ва туризми ДДОТ ба номи С. Айнӣ
**Б. Нодиров,** мудири шуъбаи хадамоти методии таҳсилоти умумии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррир:** **М.Солиева**– Мудири бахши мониторинги сифати таълими раёсати корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ.

Барнома барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география пешбинӣ шуда, дар асоси талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳа (стандарти таҳсилот ва стандартҳои фанни география) таҳия гаштааст. Барнома алоқамандии мураттаби машғулиятҳоро бо барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таъмин менамояд.

Дар барнома навгониҳо дар самти омӯзиши фанни география, роҳ ва тарзу усулҳои мувофиқи истифодабарии методҳои муосири таълим, технологияи инноватсионӣ, тарзу усулҳҳои ба роҳ мондани муносибати босалоҳият дар таълими география, эҷодкории хонандагон ва омӯзгорон дар замони муосир ба назар гирифта шудааст.

## Пешгуфтор

Татбиқи навгониҳои муосири сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккулу навсозии усули сохторию таълимии замонавии мактаб, салоҳияти касбии омӯзгорону кормандони соҳаро тақозо намуда, аз ҳамаи субъектҳо на танҳо тайёр будан, балки дорои маҳорати баланди фаъолияти касбӣ будан ва дарёфти роҳҳои такмилдиҳии муосиру мувофиқро талаб дорад.

Мушоҳидаю таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки модели мавҷудаи такмили ихтисос талаботи пурраи омӯзгоронро ба такмилдиҳии доимии донишу ихтисос бо истифода аз шаклу методҳои номутаносиб дар фаъолияти педагогӣ таъмин карда наметавонад. Бинобар ин, зарурати таҷдиди назар намудан ва азнавсозии барномаҳои такмили ихтисос ба миён омадааст. Барои ташаккули босамари рақобатпазирӣ зарур аст, ки омӯзгор бо донишҳои назариявӣ ва методологияи асосҳои таълимии фан, моҳият, мақсад ва технологияи таълиму тарбия мусаллаҳ бошад. Дар ин самт таҳияи барномаҳои таълимии ба муносибати босалоҳият ба таълим нигаронишуда муҳим ва зарур аст.

Барномаи мазкур ба фаъолияти эҷодӣ, аз ҷумла лоиҳавӣ, коромӯзӣ, рушди салоҳияти касбӣ ва маҳорати педагогӣ асос ёфта, ба фарогирии фаъолияти бонизому муосиркунонӣ ва ташаккули маҳорати касбии омӯзгорони фанни география бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ таҳия гардида, аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар шароити муосир таълими фанни география дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавқеи махсусро касб намуда, он ба ташаккул ёфтани тафаккури ҷаҳону муҳитшиносии хонандагон нигаронида шудааст, ки ин ба омӯзгорони соҳибмаълумоту соҳибтахассус вобастагӣ дорад. Маҳорати касбии омӯзгорони соҳавӣ бошад, ба такмили маҳорати касбии онҳо алоқаманд аст, ки ин маҳз тавассути такмили ихтисос амалӣ мегардад.

Ташаккули малака ва маҳорати касбии омӯзгорон, шинос намудани онҳо бо навигариҳои мазмуну мӯҳтавои фанни география, роҳу усулҳои нави таълим, методикаи умумӣ ва тахассусии таълими фан дар синфҳои алоҳида бо истифодаи усулҳои инноватсионии таълим, муносибати босалоҳият ва истифодаи методҳои арзёбӣ вобаста мебошад.

## Мақсади барномаи таълим

Ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорони фанни география дар асоси нишондод ва талаботи муосири таълим.

## Мавзӯъ ва мундариҷаи таълим

Мавзӯъҳо ва мундариҷаи барнома тавре таҳия гардидаанд, ки тавассути аз худ кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита дониш, маҳорат, малака ва  салоҳияти муайянро ҳосил мекунад.

Мазмун ва мундариҷаи тахассусии барнома аз масъалаҳои зерин иборат мебошад:

- шиносоии омӯзгорон бо навгониҳои соҳаи география, сохтор, мазмун ва моҳияти нақша, стандарт, барнома ва китобҳои дарсии таълими фанни география;
- баланд бардоштани малакаҳои кор бо харитаҳои географӣ дар омӯзгорон ва тавассути онҳо ба роҳ мондани фаъолиятҳои амалии хонандагон;
- инкишофи тасаввуроти омӯзгорони фанни география оид ба татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фан, шиносоӣ бо самтҳои таълим ва салоҳиятҳои фанӣ, ташаккули малакаҳои истифодаи усулҳои интерактивӣ ҳамчун омили асосии амалисозии муносибати босалоҳият дар таълими фанни география;
- роҳҳои амалигардонии донишҳои назариявӣ дар амалия ва робитаи фанни география бо дигар фанҳои таълимӣ;
- рушди малакаҳои банақшагирии дарси география дар асоси муносибати босалоҳият ва технологияҳои муосири таълим дар омӯзгорон ва қобилиятҳои арзёбии ҷараёни таълим;
- шиносоии омӯзгорон бо роҳҳои самараноки ташкили кори иттиҳодияи методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорони фанни география, моҳияти кабинети география ва истифодаи самараноки он дар ҷараёни таълими фанни география;
- истифодаи имкониятҳои курси география дар ҳалли масъалаҳои маърифатӣ ва тарбиявии хонандагон, аз ҷумла тарбияи экологӣ.

## Талаботи барнома

Барнома дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим ва истифодаи методҳои интерактивӣ таҳия гардида, усулҳои таълимии гуногунро дар бар мегирад. Донистани ин усулҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки дар таълими ин ё он мавзӯъ усулеро интихоб намояд, ки дониш, малака ва маҳорат (салоҳиятҳо)-и хонандаро ташаккул диҳад.

Хусусиятҳои хоси методикаи таълими географияи муосир фавран ворид намудани ғояҳои нави (навовариҳои) психологӣ ва дидактикии таълим мебошад. Аз ин рӯ, дар барнома ба таҳлили фаъолияти маърифатии хонандагон (бо истифода аз методҳои гуногуни таьлими география) ва фаъолгардонии онҳо диққати махсус дода шудааст.

Дар барнома номгӯи адабиёти истифодашаванда марбут ба мақсаду вазифаҳои таълим тавсия дода шудаанд.

Мазмуни барнома ба сатҳи такмили дониш, маҳорат ва малакаи касбии шунавандагон мувофиқ карда шуда, дар асоси талаботи ташаккулёбии салоҳияти касбии омӯзгорони фанни география таҳия гардидааст.

Азхудкунии барнома тавассути санҷиши тестӣ ба воситаи компютер арзёбӣ карда мешавад.

Аз шунавандагони курс хоҳиш карда мешавад, ки фикру ақидаи худро оид ба барнома ба суроғаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ирсол намоянд.

**Натиҷаҳои интизоршаванда аз омӯзиши барнома**

Бо омӯзиши барномаи мазкур омӯзгорон (иштирокчиён)-и курси такмили ихтисоси фанни география метавонанд:

- ✓ моҳият, мақсад ва мазмуни нақша, стандарт ва барномаи таълим ва китобҳои дарсии фанни географияро шарҳ диҳанд;
- ✓ роҳу воситаҳои истифодаи усулҳои интерактивии таълмиро шарҳ дода, саҳми онҳоро ҳангоми татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни география фаҳмонанд;
- ✓ тавассути банақшагирии дарс зинаҳо ва марҳилаҳои дарсро бо истифодаи методу усулҳои самаранок нишон диҳанд;
- ✓ тарзи дурусти банақшагирии кори иттиҳодияи методӣ ва гурӯҳҳои эҷодии омӯзгорони фанни географияро бо мисолҳои мушаххас асоснок кунанд;
- ✓ роҳу воситаҳои гуногуни истифодаи харитаҳои географиро дар ҷараёни таълим нишон дода, фаъолиятҳои амалиро барои хонандагон таҳия намоянд.
- ✓ нақши кабинети географияро дар баланд бардоштани сифати дарсҳои география ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ шарҳ диҳанд.

**НАҚШАИ**

**таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география**

| № | Қисмҳои нақша | Микдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | Тахассус, методикаи таълими фан | 36 | 14 | 22 |
| 2. | Педагогикаи касбӣ | 3 | 1 | 2 |
| 3. | Психологияи касбӣ | 3 | 1 | 2 |
| 4. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| **Ҳамагӣ** | | **48** | **19** | **29** |

**НАҚШАИ**

**тақвимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география**

**(тахассус – методикаи таълими фанни география 36 соат)**

| № | Мавзуъ ва масъалаҳои омӯхташаванда | Соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | *Ҳамагӣ* | *Назариявӣ* | *Амалӣ* |
| | | **36** | **16** | **22** |
| 1. | Мазмун ва мундариҷаи фанни география ҳамчун заминаи рушд ва тарбияи хонандагон дар асоси стандарт, нақша ва барномаи таълимӣ | 6 | 4 | 2 |
| 2. | Китобҳои дарсии география: мазмун ва мундариҷа, сохтор, дидактика | 6 | 2 | 4 |
| 3. | Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни география. Самтҳои таълим ва салоҳиятҳо: салоҳиятҳои умумитаълимӣ ва салоҳиятҳои фаннӣ | 6 | 2 | 4 |
| 4. | Истифодаи усулҳои интерактивӣ – омили асосии амалисозии муносибати босалоҳият дар таълими фанни география | 6 | 2 | 4 |
| 5. | Банақшагирии дарси география дар асоси муносибати босалоҳият ва технологияҳои муосири таълим | 6 | 2 | 4 |
| 6. | Арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ | 6 | 2 | 4 |

**Мавзуи 1. Мазмун ва мундариҷаи фанни география ҳамчун заминаи рушд ва тарбияи хонандагон дар асоси стандарт, нақша ва барномаи таълимӣ (6 соат)**

Мазмун ва мундариҷаи фанни география ҳамчун воситаи ноил шудан ба натиҷаҳои таълимии метафаннӣ дар заминаи талаботи стандарти таълимӣ. Аҳамияти тарбиявии таълими фанни география ва рушди маърифати хонандагон. Талабот ва алоқамандии нақшаи таълим бо барнома ва стандарти фанни география. Шаклҳои татбиқи стандарти фанни география. Мақсад ва вазифаҳои асосии омӯзиши фанни география дар зинаи таҳсилоти асосӣ. Принсипҳои таҳияи стандарт ва ташкили ҷараёни таълими фанни география. Талаботи стандарти фанни география ҳангоми таҳияи барнома, китоби дарсӣ, маводи таълим, саволу масъалаҳо барои санҷиши шифоҳӣ ва хаттӣ, тестҳо ва дигар дастурамалҳои таълимию методии фан бо дарназардошти принсипҳои муносибати босалоҳият дар таълим. Банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни география дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ новобаста аз шакли моликият. Мувофиқати барномаи таълимӣ бо нақшаи таълимӣ. Миқдори соатҳои таълимӣ. Зарурати навсозии барномаи таълим, мувофиқати китобҳои дарсӣ бо барномаи таълимии фанни география. Мазмуну мӯҳтавои китобҳо ва барномаҳо. Роҳнамои омӯзгор.

**Мавзуи 2. Китобҳои дарсии география: мазмун ва мундариҷа, сохтор, дидактика (6 соат)**

Мазмун ва мундариҷаи курси географияи синфи 6-11. Таҳлили боб ва мавзӯъҳои китобҳои дарсӣ. Риояи пайдарҳамии мантиқии омӯзиш ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои барнома ва китоби дарсӣ. Дараҷаи азхудшавии онҳо аз тарафи хонандагон. Таҳлил ва хулосабарорӣ аз мазмуни корҳои амалӣ ва саёҳат дар барномаи таълимӣ. Ба талаботи замона ҷавобгӯй будан ё набудани мазмун ва мундариҷаи китобҳои дарсӣ. Талабот ба китобҳои дарсӣ.

**Мавзуи 3. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни география. Самтҳои таълим ва салоҳиятҳо: салоҳиятҳои умумитаълимӣ ва салоҳиятҳои фаннӣ (6 соат)**

Муносибати босалоҳият дар таълим: зарурат, мафҳумҳои асосӣ, шаклҳо ва таснифот. Зарурати тағйири муносибат ба таълим. Талаботи таҳияи стандарт ва барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти муносибати босалоҳият дар таълим. Назарияҳое, ки ба ташаккулёбии салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунанд. Муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун асоси методологии таҳсилоти муосир. Татбиқи муносибати босалоҳият дар

таълими ва кор бо маводи таълимию омӯзишӣ. Таҳлили методикаи таълими фанҳои мактабӣ дар дар асоси муносибати босалоҳият. Таҳлил ва таҳияи воситаҳои арзёбии онҳо. Тарзу усулҳои саволгузорӣ дар таълими география. Саволгузорӣ омили муҳими ташаккулдиҳии қобилияти фикрронӣ, нутқ ва салоҳияти хонандагон. Тарзу усулҳои саволгузорӣ. Санъати саволгузорӣ. Тақсимоти саволҳо мувофиқи ақидаи психологҳо. Саволҳои оддӣ. Саволҳои аниқкунанда. Саволҳои шарҳу эзоҳталаб. Саволҳои баҳодиҳанда. Саволҳои эҷодӣ. Саволҳои амалӣ. Саволгузорӣ вобаста ба мақсад ва мавзӯъ.

**Мавзуи 4. Истифодаи усулҳои интерактивӣ – омили асосии амалисозии муносибати босалоҳият дар таълими фанни география (6 соат)**

Усули интерактивӣ чист? Тафовутҳо байни метод ва усули таълим. Намудҳои ҳамкории хонандагон. Бартарӣ ва норасогии усулҳои интерактивӣ. Шаклҳои таълим. Омӯзиши системавӣ. Омӯзиши системавиро аз чӣ бояд оғоз кард?, таҳлили системаҳо, зерсистема. Кадом хусусиятҳо нишонаҳои системаанд, ки тағйир додан мумкин аст? Мувофиқияти хусусиятҳои як система аз дигар системаҳо, вазифаҳои система (чӣ барои чӣ пешбинӣ шудааст?), тағйироти система, пайдо кардани хусусият ва муқарраროти система.

Омӯзиши проблемавӣ. Таърихи рушди омӯзиши проблемавӣ. Заминаи бунёдии омӯзиши проблемавӣ. Омӯзиши проблемавӣ, ташаккул ва рушди қобилиятҳо барои фаъолияти эҷодӣ. Методи тадқиқотӣ. Методи эвристикӣ ва методи ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ. Усулҳое, ки қисман ба методи ҷустуҷӯйии таълим мувофиқат мекунанд.

Омӯзиши якҷоя. Асосҳои назариявии омӯзиши якҷоя. Ғояи асосии омӯзиши якҷоя. Натиҷаҳои кори якҷоя. Қаноатмандии (комфорти) психологӣ. Ташаккули шахсият, камолоти иҷтимоӣ, пешрафти илмӣ. Самаранокии омӯзиши якҷоя. Бартариҳои асосии омӯзиши якҷоя. Кори дунафара (ҷуфтӣ) дар омӯзиши якҷоя. Бартарӣ ва камбудиҳои кори дунафара. Ба роҳ мондани кори гурӯҳӣ дар омӯзиши якҷоя. Воситаҳое, ки барои фароҳам овардани муҳити солими таълимӣ.

Истифодаи усулҳои мушаххаси интерактивӣ ва самаранокии онҳо дар зинаҳои дарс.

**Мавзуи 5. Банақшагирии дарси география дар асоси муносибати босалоҳият ва технологияҳои муосири таълим (6 соат)**

Мақсади банақшагирии дарс. Тарзи таҳияи нақшаи дарс дар асоси талаботҳои тарҳи универсиалии омӯзиш. Талабот ба унсурҳои асосии дарс. Фарқи банақшагирии дарси анъанавӣ ва дарси муосир. Технологияи

банакқшагирии дарси муосир. Силсилаи дарсҳо дар асоси минимуми базавӣ (кам андар ками появӣ). Дарси худназорат – кори квазиназоратӣ. Дарси назорати объективӣ оид ба тамоми мавзӯъ. Технологияи банақшагирии боби мавзӯъҳо. Конструктори дарс. Намунаи банақшагирии дарси яксоата (банақшагирии анъанавӣ ва технологӣ).

**Мавзуи 6. Арзёбӣ дар таълими фанни география. Арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ (6 соат)**

Шарҳи мафҳуми арзёбӣ. Мафҳуми арзёбӣ дар адабиёти соҳавӣ (арзёбии анъанавӣ, арзёбии алтернативӣ, арзёбии фаъолият, арзёбии ташхисӣ, арзёбии ташаккулдиҳанда, арзёбии ҷамъбастӣ ва ғайра). Принсипҳои арзёбӣ. Арзёбӣ унсури доимии раванди таълим. Арзёбии салоҳиятҳои хонандагон (салоҳиятҳои умумифаннӣ ва фаннӣ). Арзёбии ташхисӣ, хусусият ва мавриди истифодаи он дар таълими география. Натиҷагирӣ аз арзёбии ташхисӣ. Арзёбии ташаккулдиҳанда – раванди беохири ҷараёни таълим. Хусусият ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда. Арзёбии ҷамъбастӣ, шаклҳо ва мавриди истифодаи он дар таълими география. Арзёбии малакаҳои мушоҳидакорӣ, таҷриба ва таҳлил. Моҳият, воситаҳо ва мавқеи арзёбӣ дар дарсҳои география. Натиҷагирӣ аз ҷараёни арзёбӣ ва истифодаи он барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълими география.

**Манбаъҳои электронӣ**

1. Сайти  Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон: www.maorif.tj
2. Сайти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон www.aot.tj
3. Сайти Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон  www.aot.tj
4. Сайти Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.
5. Сайти Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6. Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ**

1. Барномаи давлатии комплексии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои миёнаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон».
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи нақшаи татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2005-2010».
4. Консепсияи мактаби миллӣ. Душанбе, 2000.

5. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2002, № 200 тасдиқ карда шудааст;
6. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2003.
7. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 1996, № 94 тасдиқ карда шудааст;
8. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2006.
9. Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 228 тасдиқ карда шудааст.
10. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013;
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе 2013.
13. Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, № 594 тасдиқ карда шудааст;
14. Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, № 427 тасдиқ карда шудааст;
15. Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2007, № 171 тасдиқ карда шудааст;
16. Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2009, № 206 тасдиқ карда шудааст;
17. Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 апрели соли 2009, № 206 тасдиқ карда шудааст;
18. Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои то соли 2030.

**Адабиёт**


1. Бабаева Ю. Д. Психология одарёности детей и подросков: Учебное пособие для студентов высших и средних педагогических учебных заведений. Изд.2-е, перераб., доп.-М.: Академия, 2000.-336с.
2. Байзоев Азим. Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам, Душанбе, Донишвар, 2017
3. Бобизода Ғ., Зиёӣ Х., Акобиров Ш., Исоев К., Байзоев А., Алиев А. Таҳияи стандарт, барномаи таълимӣ ва роҳнамои омӯзгор барои зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (дастури методӣ), - Душанбе, 2020
4. Е. А. Жижина Поурочные разработки по географии, Москва, ВАКО, 2016
5. Иброҳимова Р. К. Истифодаи усулҳои муосири таълим дар дарсҳои география ва луғатҳои истилоҳӣ (Дастури методӣ), Душанбе, 2009
6. Қодиров Н., Ибрагимова Р. Методикаи таълими масъалаҳои пешгирӣ ва паст кардани хатари офатҳои табиӣ ҳангоми омӯзиши фанни география (тавсияҳои методӣ барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни география), - Душанбе, 2010
7. Мухторӣ Қ., Сафин Д. В., Кабиров Н., Садурдинов Х., Ҳамидова М., Нағзибекова М. Модули омӯзишии «Воситаҳои истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда барои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон», Душанбе , 2018
8. Раҳимов М., Самиев А., Содиқов Ш. Методикаи таълими география, нашр. - Душанбе, 2019
9. Роҳнамои фанни география (барои синфҳои 6-11). - Душанбе, 2018
10. Третьяков П.И. и др. Технологии модульного обучения в школе.- М., 1997
11. Туронов С., Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ, - Душанбе, 2018